# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Усмониён Нигина Солиҳ дар мавзуи «**Таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии навъҳои соя (лӯбиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060712 -Физиология ва биохимияи растаниҳо

Дар шароити муосири рушди кишоварзӣ интихоби шакл ва усули самараноки ҳоҷагидори аҳаммияти калидӣ дорад. Низоми идоракунии истеҳсолот бояд на танҳо ба афзоиши ҳосилнокӣ ва маҳсулнокии зироатҳои кишоварзӣ равона гардад, балки нигоҳдорӣ ва беҳтар намудани ҳосилхезии хокро низ таъмин намоянд. Дар ин самт зироатҳои лубиёгӣ, аз ҷумла соя, мавқеи муҳим дошта, бо хусусияти ғанӣ гардонидани хок аз моддаҳои ғизоӣ ва беҳтар намудани ҳосилхезии он фарқ мекунанд.

Диссертатсияи Усмониён Нигина Солиҳ ба омӯзиши таъсири коркарди пеш аз кишти тухмӣ тавассути танзимкунандагони рушди растанӣ ба хусусиятҳои физиологӣ ва биохимиявии ташаккули ҳосилаҳои навъҳои соя (лубиёи чинӣ) дар шароити водии Ҳисор бахшида шудааст. Омӯзиши таъсири танзимкунандагони рушди расатани ба равандҳои физиологию биохимиявӣ, давомнокии давраи нашъунамои соя муҳим буда, зеро то оғоз кардани таҳқиқотҳои онҳо ин масъалаҳо кам омӯхта шудаанд.

Кори мазкур дар минтақаи иқлимии водии Ҳисор гузаронида шудааст. Ба сифати маводи таҳқиқот 3 - навъи соя Орзу, Ситора, Дарниса дар таҳқиқот истифода шудааast.

Қисмати тафсири адабиётҳо маълумотҳои зиёде оид ба сабзишу инкишофи соя дар шароитҳои гуногун, танзимкунандагони рушди растанӣ ҳамчун унсури баланд бардоштани устувории растанӣ ба стресс, тавсифи танзимкунандагони рушди растанӣ ва имкониятҳои истифодабарии онҳо дар соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудаанд.

Натиҷаи таҳқиқотҳои ба даст овардашуда нишон дод, ки энергияи сабзиши тухмии навъҳои соя дар варианти истифодаи танзимкунандагони рушди растанӣ нисбат ба дигар вариантҳои омӯзишӣ аз ҳама зиёд мебошад ки, аз таъсири мусбати ин вариат ба энергияи сабзиш шаҳодат медиҳад.

Муаллифи рисола нишон дод, ки аломати миқдори дон дар як кӯсак нисбатан устувор буда, асосан аз хусусиятҳои генетикии навъ вобастагӣ дорад.

Усмониён Нигина Солиҳ дар рисола бори нахуст исбот намуд, ки самаранокӣ ва танзимкунандагии пайвастагиҳои омӯхташаванда на танҳо аз консентратсияи онҳо, балки аз сохти кимиёвӣ ва радикалҳои таомулпазири онҳо вобаста аст.

Автореферат ба талаботи Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намуда, муаллифи он Усмониён Нигина Солиҳ ба барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос 6D060712 - Физиология ва биохимия сазовор аст.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои биологӣ,
аз рӯйи ихтисоси 06.01.05-селексия
ва тухмипараварии растаниҳои кишоварзӣ
профессори кафедраи пахтапарварӣ,
генетика, селексия ва тухмиправарии
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Ширишоҳ Шоҳтемур М.И.Исмоилов

Имзои М.И.Исмоиловро тасдиқ менамоям:
Сардори шӯъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ширишоҳ Шоҳтемур Қурбонзода А.Х.

Суроға:734003,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
E-mail: m.i.ismoilov@mail.ru. Телефон (+992) 935076048

“11” 09 2026 с.